# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ҷиҳонова Гулчаҳон Абдураҳмоновна дар мавзуи «Замина ва тарзу воситаҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ»,ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст.

Масъалаи калимасозӣ, муайян кардани сохту таркиби морфологии калимаҳо, дар заминаи чӣ гуна воҳидҳои забон бо кадом роҳ ё роҳҳои калимасозӣ сохта шудани онҳо дар ҳама давру замон аз ҷумлаи масъалаҳои меҳварии забон, хоссатан бахши морфологияи он мебошад. Пажуҳишҳои дар ин самт анҷомдодаи муҳаққиқони соҳа ба ҳалли бисёр масъалаҳои мубрами калимасозӣ дар забони тоҷикӣ мусоидат намудаанд, вале ҳанӯз мушкилот дар ин самт ҷой доранд, ки бартараф намудани онҳо талаботи замон мебошад.

Яке аз масъалаҳои мубрам дар илми забоншиносии тоҷик таҳқиқи роҳҳои калимасозӣ, тарзу восита ва заминаи ташаккули гурӯҳҳои сохтории калимаҳо дар давраҳои муайяни таърихи гузаштаи забон дар маҷмуъ ё дар доираи осори ин ё он шоири ҷудогона ба шумор меравад.

Таҳқиқи сохту таркиби морфологии калимаҳо, тарзу восита ва заминаи ташаккули онҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ метавонад ба ҳалли чандин масъалаҳои забон дар самти калимасозию морфология ва дар самти муайян намудани сарчашмаҳои ташаккули таркиби луғавии забони тоҷикӣ мусоидат намояд.

Асоси методологӣ ва назарии таҳқиқи анҷомдодаи довталаби дараҷави илмӣ Ҷиҳонова Гулчаҳон Абдураҳмонована мантиқан ва мувофиқи талаботи оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқии мавҷуд ба шакл дароварда шуда, пояи илмии таҳқиқ, татбиқи амалии он, методҳои таҳқиқ, анҷоми ҳар як давраи таҳқиқ давоми мантиқии якдигар буда, ба талаботҳои қабулшуда нисбат ба иҷрои кори илмӣ-таҳқиқӣ ҷавобгӯ мебошад.

Вобаста ба мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ нуқтаи назари олимони соҳаи забоншиносӣ муфассал таҳлил карда шуда, дар ҳамин замина нуқтаи назари худи унвонҷу низ пешниҳод шудааст.

Натиҷаҳои диссертатсия метавонанд назарияи илми сарфу калимасозии забони тоҷикиро ҳам аз ҷиҳати таърихӣ ва ҳам дар забони муосир такмил диҳад. Бо назардошти он ки масъалаи асосии таҳқиқи анҷомдодашударо омӯзиш ва баррасии гурӯҳҳои сохтории калимаҳо, сохту таркиби морфологӣ, қолабҳо, замина ва тарзу воситаҳои ташаккули онҳо ташкил менамояд, хулосаҳои аз ин таҳқиқ бадастомада метавонанд назарияи илми забоншиносиро тақвият бахшанд ва зимни таҳияи рисолаҳои илмии магистриву номзадӣ, дастуру барномаҳои таълимӣ, хондани курсу

семинарҳои махсус аз морфология, калимасозӣ, грамматика дар факултетҳои филологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода бурда шаванд.

**Боби аввали** диссертатсия **«Калимасозӣ ва мавқеи он дар ташаккули гурӯҳҳои сохтории калимаҳо (дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ)»** номгузорӣ шуда, ду фаслро дар бар мегирад. Дар ин боб диссертант доир ба калимасозӣ маълумот дода, мавқеи онро дар такомули таркиби луғавии забони тоҷикӣ ошкор намудааст. Ҳамчунин дар боби зикршуда масъалаҳои умумии калимасозӣ, роҳу усулҳои калимасозӣ дар забони тоҷикӣ ва калимасозии морфологӣ дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ таҳлилу баррасӣ шуда, бо мисолҳои мушаххас аз ғазалиёти шиор таҳлил шудаанд.

**Боби дуюми** диссертатсия **«Хусусиятҳои морфологии калимаҳои мураккаб ва заминаи ташаккули онҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ»** ном дошта, аз се фасл иборат аст.

Диссертант дар боби мазкур сараввал дар хусуси калимаҳои мураккаб ва низоми сохтори онҳо маълумот дода, ҷанбаҳои ҳиссаинутқии калимаҳои мураккаби ғазалиёти шоирро муайян намуда, афзалият ва хусусиятҳои хоси калимаҳои мураккаби офаридаи шоирро нишон додааст. Дар зербобҳои дигар калимаҳои мураккабро дар асоси маълумоти сарчашмаҳои илмӣ ба се гурӯҳ: калимаҳои мураккаби пайваст, тобеъ ва омехта тасниф намуда, дар заминаи ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ мавқеъ, доираи истеъмоли калимаҳои мураккабро дар ин жанри шеърӣ таҳлилу баррасӣ намудааст.

Ҳамзамон бодастовардҳои муҳимми илмӣ, ки дар боло намудем, дар автореферати диссертатсия камбудиҳо низ ба назар расид, ки зикри онҳорозарур медонем:

1. Дар рӯйхати адабиёт оид ба корҳои анҷомдодаи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ нишон дода шудааст, аммо дар матни автореферат кам ба назар мерасанд;
2. Мисолҳои овардашуда дар автореферати диссертатсия зиёд буда, барои таҳлили ҳар як ном як ҷумла аз асари таҳқиқшаванда басандагӣ мекунад;
3. Дар рафти таҳқиқот баъзе асарҳои олимони ватании солҳои охир аз мадди назари диссертант дур мондаанд.

Албатта, камбудиву нуқсонҳои зикршуда арзиши илмии таҳқиқро коста намекунад ва ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошанд.

Мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршудаи довталаби дарҷаи илмӣ мазмун ва муҳтавои корро комилан инъикос менамоянд.

Мавзуи таҳқиқшаванда ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои пажуҳишии марбут ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ, комилан мувофиқат мекунад.

Бинобар ин, автореферати диссертатсия Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна дар мавзуи «Замина ва тарзу воситаҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқарриз**
доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси
филология, дотсент, мудири кафедраи
забоншиносӣ ва таърихи забони ДДК
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Саидзода Муҳаммад Бегмурод

«Имзои дотсент Саидзода М.Б.-ро
тасдиқ мекунам»
Сардори РК ва КМ ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Давлатов Миралӣ Абдусамадович

Нишонӣ: 735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафров 16,
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (833-22) 2-35-06, (833-22) 2-36-26
Факс: (33-22) 2-35-06, www.kgu.tj

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

«29» августи соли 2025.